**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014-и**
**назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон**
**ба номи Ш.Шохтемур бо суроғаи:**
**734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146.**

## ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзуи "Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ" (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба танзим ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир ҳалталаб ва барои таҳқиқот зарур ҳисобида мешавад. Рақамҳои омории соҳа гувоҳи онанд, ки аҳолии кишвар то ба ҳол бо маводи гушту шир дастрасии пурра надоранд. Вобаста ба ин, рушди зермаҷмӯи истеҳсол ва коркарди саноатии маҳсулоти гӯшту ширро ҳамчун самти муҳими рушди соҳаи хоҷагии қишлоқ донистан ванақи онро дар таъмини амнияти озуқаворихи аҳолӣ зарур ҳисобидан мувофиқи мақсад аст. Ҳолатҳои болозикр аз мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ ин масъала дарак медиҳанд, аз ин ру, дар интихоби мавзуъи таҳқиқот ягон шаку шубҳа вуҷуд надорад.

Аз матни автореферат маълум аст, ки боби якуми диссертатсия масъалаҳои вобаста ба асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту ширро дар бар мегирад. Дар ин қисмати диссертатсия муҳаққиқ моҳияти иқтисодӣ, мазмуни танзими давлатӣ ва дараҷаи рушди мутавозуни зермаҷмӯи гӯшту ширро дида баромада, асосҳои назариявии ташаккули танзими давлатии иқтисодиёти аграриро дар шароити бозор баён кардааст. Ҳамчунин хусусиятҳои таҷрибаи ҷаҳонии танзими давлатӣ оид ба муайян кардани самт ва шаклҳои танзими зермаҷмӯи гӯшту шир дар асоси таҷрибаи ватанию хориҷӣ ва имконияти истифодаи онҳо дар

хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқи муаллифӣ қарор дода шудааст.

Боби дуюми диссертатсия ки ба омузиши ҳолати муосири танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бахшида шудааст, аз ҷониби диссертант таҳлили ҳолати муосири рушди зермаҷмӯи гӯшту шири ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар шароити ислоҳоти иқтисоди аграрӣ арзёбӣ карда шуда, усулҳои банақшагирӣ, мувозинат ва фишангҳои таъсири танзими давлатии он дар рушди земаҷмӯи гӯшту шири комплекси агросаноатӣ ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳқиқ карда шудаанд.

Дар боби сеюм роҳҳои татбиқи афзалиятҳои рушди мутавозун дар низоми танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян карда шуда, дар ин қисмат равандҳои усулии рушди механизмҳои банақшагирии дастгирии давлатӣ, инчунин пешниҳодҳои асоснок перомуни такмили танзими давлатии зермаҷмӯи гӯшту шир дар сатҳи минтақа бо таҳияи модели консептуалӣ асоснок коркард шудааст.

Бо назардошти нуктаҳои илман асосноки автореферати диссертатсия он аз норасоиҳои ҷузъи холӣ нест, ба монанди:

1.Алоқамандии манфиатҳои иқтисодии субъекти хоҷагидорӣ бо институтҳои давлатӣ ва бозорӣ (расми 3, саҳ. 15) ба пуррагӣ шарҳу тавзеҳ дода нашудааст.

2.Муқаррароти чорум, ки масъалаҳои марбут ба таҳлилу баҳодии вазъи банақшагирии мутаносибии рушди мутавозуни зермаҷмуи истеҳсолу коркарди маҳсулоти гӯшту шир ва дастгирии давлатии он дар хоҷагиҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро дар бар мегирад, аз ҷониби муаллиф пурра нишон дода нашудааст.

Камбудиҳои ҷойдошта характери умумӣ дошта ва арзиши илмии автореферати диссертатсияро кам намекунад.

Хулоса автореферати диссертатсия Олимов Дилшод Абдулхайрович дар мавзуи "Танзими давлатӣ ва рушди мутавозуни зермаҷмуи гушту шир дар шароити иқтисоди бозорӣ" (дар асоси маводҳои комплекси агросаноатии Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил

ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи амалкунандаи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ мебошад.

**д.и.и., профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **А.М. Раҳимов**

Суроға: 7357 00, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1
Телефон : +992 927748463
E-mail: latif_58@mail.ru